# ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговна дар мавзуи «Тасвири “боди сабо” дар ғазали асри XIV» диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04– Таърихи адабиёт, равобити адабӣ**

Баррасӣ ва таҳқиқи масъалаҳои мавзуии адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ва пажӯҳиши мушаххаси онҳо бисёр падидаи нек аст.

Рисолаи Забирова Меҳринисо Элбеговна зери унвони «Тасвири “боди сабо” дар ғазали асри XIV» ба таҳқиқи авомили чигунагии корбасти сувари хиёл ва тасвирофаринӣ дар ғазали асрҳои миёнаи форсии тоҷикӣ бахшида шуда, барои муайян кардани масъалаҳои шинохти шеър аз ҳайси маънӣ, завқу салиқаи зебоишиносӣ, ҳунари шоирӣ ва ҷаҳонбинӣ аҳаммияти вижа дорад.

Фишурдаи диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ки 174 саҳифаи компютериро ташкил медиҳад.

Бояд гуфт, ки дар адабиётшиносии тоҷик мавзуи «Тасвири “боди сабо” дар ғазали асри XIV» бори нахуст мавриди пажӯҳиши ҷудогона ва мустақил қарор гирифтааст, ки интихоби дурусти мавзуъро таъйид мекунад.

Истилоҳи “боди сабо” яке аз таркибҳои маъруфи адабиёти форсии тоҷикӣ буда, аз замони зиндагии устоди шоирон Рӯдакӣ то имрӯз дар шеъри оламгири мо ба мушоҳида мерасад.

Яке аз мазиятҳои ин рисола дар он аст, ки муаллифи он аз ҷараёни таҳаввули адабиёт огоҳ буда, истилоҳи “боди сабо”-ро аз се буъд- а) мабдаи тасвир, б) воситаи тасвир ва в) унсури тасвир мавриди таҳқиқ кашидааст, ки ҷолиб мебошад.

Муаллиф дуруст муайян кардааст, ки ғазали шоирони асри XIV ғазали талфиқ буда, мафҳуми “боди сабо” ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам ба маънои маҷозӣ корбаст шудааст (фишурда, сс. 9-12).

Дар мавриди аввал, Забирова М. Э. бо ҷусторҳои пайгирона дар асоси ашъори шоироне чун Рӯдакӣ, Робеаи Балхӣ, Шаҳиди Балхӣ, Дақиқӣ, Хусрави Сарахсӣ, Мунҷики Тирмизӣ, Унсурӣ, Манучеҳрӣ, Анварӣ, Носири Хусрав, Сайфи Исфарангӣ мафҳуми мавриди баҳсро ҳамчун “мабдаи тасвир”, яъне тасвирҳои табиию зинда, чун насими хушбӯи баҳорӣ, ки бо вазидани он гулҳо мешукуфанду замин ҷони тоза меёбад, баррасӣ карда, ки раванди тасвирофаринӣ ва сувари хиёлро дар саргаҳи шеъри форсии тоҷикӣ нишон медиҳад.

Ба пиндори диссертант, пайдоиши маъно ва мафҳуми ирфонии сабо бо тасаввуф, хусусан бо зуҳури шеъри сӯфиёна, ки бунёнгузори он Саноӣ мебошад, иртиботи ногусастанӣ дошта, он дар шеъри ин

давра ҳамчун “нафаҳоти раҳмонист, ки аз машриқи рӯҳоният меояд” ва “таҷаллии ҷамоли илоҳӣ, раҳмати мутавотир ва нафаси раҳмонӣ”-ро (фишурда, с. 12) ифода мекунад, воқеан арзёбии дуруст ва илмист.

Мушоҳидаҳои Забирова М. дар хусуси шарҳу тавзеҳи маҷозии мафҳуми “боди сабо” дар муаррифии шеъри Саноии Ғазнавӣ, Хоқонии Шарвонӣ, Шайх Аттор, Ҷалолуддини Балхӣ, Фахруддини Ироқӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ розу рамзи ирфонро бозтоб дода, сифату ҳунарҳое чун саҳар вазидан, бӯи хуш доштан, паёмрасони ошиқу маъшуқа, раҳ ёфтан ба ҳарими ёр ва ғ., ки ҳамчун воситаи тасвирҳои шоиронаи ғазали асри XIV, амиқтараш “вақте ба сурати намоди адабӣ дармеоянд” ва ба як “шайъи адабӣ” шуда аз “намунаи табии худ фосила гирифта”, ки дар натиҷа падидаи нави адабиро ба вуҷуд меояд, баррасӣ шудаанд, ки нақши муҳим доштани адабиёти ин давраро ба субут мерасонад.

Ва ниҳоят ҳамчун унсури тасвир тадқиқ шудани мафҳуми “боди сабо” низ ҷолиб буда, диссертант ба василаи санъатҳои бадеъии ташбеҳ, истиора ва талмеҳ тавонистааст мухтасоти ҳунари тасвирофариниро бо зикри шавоҳиди мушаххас нишон дода, ба ин хулоса мерасад, ки мафҳуми “боди сабо” дар адабиёти гузаштаи мо ба масобаи қаҳрамони лирикӣ низ корбурд доштааст.

Мазмун ва муҳтавои автореферат, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ нигошта шудааст, бо диссертатсия мувофиқат дошта, мундариҷаи корро инъикос мекунад. Мақолаҳои муаллиф ба муқаррароти КОА Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, бо муҳтаво ва мазмуну мундариҷаи умумии диссертатсия комилан алоқамандӣ доранд.

Фишурда бисёр босаводона таълиф шуда, орӣ аз нақсу камбудҳост,ба ҷуз ду маврид.

Мавриди аввал дар байти:

Ало, эй боди шабгире паёми ман ба дилбар бар,
Бигӯ он моҳи хубонро, ки ҷон бо дил баробар бар (фиш. с.10).

Дар ин байт калимаи “шабгире” бояд “шабгирӣ” хонда шавад, то маънӣ дуруст гардад.

Мавриди дувум дар байти зери Саъдӣ:

Пора гардонад Зулайхои сабо,
Субҳдам бар Юсуфи гулпираҳан (фиш. с. 14).

Ҳарчанд диссертант байти болоро дуруст шарҳу баст карда, вале муроди шоир дар вожаи “гул” нуҳуфтааст, агар он ҷудо навишта шавад, маънии матлуб ба даст ояд.

Албатта, эродҳои мазкур ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ҳаргиз арзиш ва аҳаммияти илмиву амалии диссертатсияи Забирова Меҳринисоро коҳиш намедиҳанд. Диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговна дар мавзуи «Тасвири “боди сабо” дар ғазали асри XIV» тадқиқоти пурра анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб рафта, он ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи ғайрирасмӣ:**
**доктори илми филология, сарходими**
**илмии шуъбаи таърихи адабиёти**
**Институти забон ва адабиёти**
**ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ** **Юсуфов У. А.**
**«31» марти соли 2023.**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Ҳувайдуллоев 274, ҳ. 47.**
**Тел: (+992) 91-904-55-75**
**E-mail: nushin74@mail.ru**

**Имзои Юсуфов У. А. -ро тасдиқ мекунам:**
**Мудири шуъбаи кадрҳои Институти забон ва**
**Адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи**
**Рӯдакии АМИТ** **Нарзиқулова Ҳ.**
**«31» марти соли 2023.**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21,**
**тел: (+992) 221-70-30**
**E-mail: www.iza.tj**